«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт ва
таҳқиқи системавии рушди кишоварзии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
академик Пиризода Ҷ.С.

«05» 09 2026с.

ХУЛОСАИ

Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридот намудани маҳсулоти кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) дар шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни иҷрои диссертатсия Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович докторанти (PhD) шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Тоҷикистон буда, таҳқиқотҳои илмиро оид ба омӯзиши пурраи мавзуи рисолаи илмӣ соли 2019 оғоз намудааст.

Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович соли таваллудаш 02.07.1994, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2013 ба Донишгоҳи давлатти молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2017 Донишгоҳи мазкурро аз рӯи ихтисоси танзими ҳуқуқӣ молия ва қарз дар зинаи бакалаврӣ хатм намудааст.

Соли 2017 ба магистратураи Донишгоҳи молия ва иқтисодӣ Тоҷикистон дохил шуда, донишгоҳи мазкурро соли 2019 дар риштаи магистратура аз руи ихтисои иқтисодиёти ҷаҳон хатм намудааст.

Соли 2019 тибқи фармоиши Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 19.08.2019, №70 ба докторантура PhD аз рӯи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи ситемавии рушди кишоврзии АИКТ дохил шуда, тибқи фармоиши Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 21.09.2023, №73(а) ҷиҳати барқарор ва идома додани таҳсил баъд аз хизмат дар сафи Артиши миллӣ ва тибқи фармоиши

Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 09.07.2024, №43 муассисаи мазкурро хатм намудааст.

Солҳои 2017-2020 ба ҳайси асистенти кафедраи фанҳои гуманитарии дар колеҷи техникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба наоми М. Осимӣ фаъолият намудааст.

Солҳои 2021-2022 хизмат дар сафи Артиши миллӣ.

Солҳои 2022-2023 ба ҳайси мутахассиси пешбар оид ба омори раёсати таълими Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Солҳои 2023-2025 дар вазифаи муовини декан оид ба таълими факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 01.09.2025 то ҳол муовини Раёсати корҳои тарбиявии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ намуда истодааст.

Зарипов Ф.А. рисолаи илмии худро дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридот намудани маҳсулоти кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисос таҳти роҳбарии номзади илми иқтисод, дотсент Одинаев Ш.Т. ба итмом расонидааст (протокол аз 28.04.2021, №9-и Шурои илмии Институт) тасдиқ гардида, иҷро намудааст.

Роҳбари илмии унвончу – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Одиназода Ш.Т.

Дар рафти маҷлис мутахассисони зерин аз Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, ки дар наздаш шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, иштирок намуданд:

1. Кошонова М.Р. – д.и.и., аъзои Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;
2. Обидзода Ф.С. – д.и.и., аъзои Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.

Диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридот намудани маҳсулоти кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот бадастовардашуда ба

бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмию амалӣ буда, ба рушди илмӣ иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.

Дар асри равон афзоиши назарраси парадигмаи протексионистии сиёсати иқтисодӣ, махсусан дар соҳи иқтисодӣ аграрӣ вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар саросари ҷаҳон мушоҳида мешавад. Бинобар он, дар шароити кунунӣ зарурати таҳқиқоти ҳусусиятҳои калидии муҳити берунаро, ки ба рушди сиёсати иқтисодии давлат ва татбиқи ҷузъи протексионистии он таъсир мерасонанд, ба миён меорад. Дар айни замон, амалияи кишварҳои рӯ ба инкишоф истифодаи протексионизмро нишон медиҳад, ки метавонад шароитро барои қонеъ кардани талаботи дохилӣ тавассути рушди истеҳсолоти ватанӣ дар заминаи маҳдуд кардани рақобат аз молҳо, хидматҳо ва технологияҳои хориҷӣ таъмин кунад. Дар айни замон, рушди истеҳсолоти ватанӣ тавассути ивазкунии воридот, ба худкифоӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз таъсири хориҷӣ дар тиҷорат, сармоягузорӣ, технология ва молия нигаронида шудааст. Дар маҷмӯъ, ин хусусиятҳои муҳити беруна зарурати объективии таҳияи фаҳмишҳои назариявии ҷузъи протексионистии сиёсати иқтисодиро, инчунин муайян кардани механизмҳои татбиқи онро дар дохили системаҳои иқтисодӣ, пеш аз ҳама системаи агросаноатӣ муайян мекунанд, ки аҳамияти ин таҳқиқотро тасдиқ мекунад.

Аҳамияти ин мавзӯи тадқиқот аз хусусияти хоси фаъолияти бахши кишоварзӣ дар иқтисоди бозорӣ, ки самтҳои асосии танзими давлатиро муайян мекунад, муайян карда мешавад. Ҳеҷ як кишвари пешрафтаи ҷаҳон наметавонад аз ин мушкилот канорагирӣ кунад. Инҳо, пеш аз ҳама, ҳимоятгарии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ, дастгирии мустақими буҷети давлатӣ ва шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои маъмурии дахолати иқтисодӣ ба бахши кишоварзӣ тавассути манфиатҳои иштирокчиёни бозор ва фишангҳои иқтисодие, ки барои баланд бардоштани самаранокии кишоварзӣ, ҳамчун ҷузъи калидии иқтидори рушди иқтисодӣ, пур кардани он бо рақобати бесобиқа дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, рушди соҳибкорӣ ва истеҳсолот ва ба даст овардани сатҳи баланди зиндагии аҳолии деҳот истифода мешаванд, дар бар мегиранд.

Дар солҳои охир, дар кишвар чораҳо оид ба таъсиси низоми бисёршабакаи дастгирии давлатии кишоварзӣ амалӣ карда шуданд ва маблағгузории буҷавӣ барои ин бахш афзоиш ёфтааст. Ин чораҳо, дар баробари беҳтар шудани шароити макроиқтисодӣ, устуворӣ ва афзоиши истеҳсоли кишоварзиро таъмин карданд. Аммо, пеш аз ин шартҳои кофӣ

барои рушди устувор дар бахши кишоварзӣ ва соҳаи иҷтимоии деҳот ҳанӯз вуҷуд надоранд. Дар сиёсати кишоварзии давлатӣ равишҳои нав лозиманд, ки асосан ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирӣ, афзоиши даромади деҳот ва рушди минтақаҳои деҳот нигаронида шудаанд.

Давлат вазифадор аст, ки дар тамаркузи захираҳо дар барномаҳои мақсаднок ва ҳамаҷониба, татбиқи сиёсати қарзӣ, андоз ва нархгузорӣ ва таъмини ҳифзи возеҳи ҳуқуқӣ барои ҳама шаклҳои моликият ва тиҷорат нақши пешбарро бозад. Танзими давлатӣ, бахусус дар самти тақвияти протексионизм, дар якҷоягӣ бо рушди соҳибкории аграрӣ дар марҳилаи кунунӣ, бояд шароитро барои рушди пешрафтаи истеҳсолоти кишоварзӣ фароҳам оварад.

Дар ин робита, мушкилоти такмили низоми чораҳои протексионистии кишоварзӣ ва муайян кардани дастурҳои зарурӣ барои таҳияи усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои муассири таъсир ба субъектҳои кишоварзӣ дар ҳама сатҳҳо ин мавзӯи диссертатсияро хеле муҳим мегардонад.

Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», “Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2016-2020», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Барномаи рушди низоми кишоварзӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, «Барномаи давлатии рушди содирот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқамандӣ дорад.

Мақсади таҳқиқот аз такмили равишҳои методологӣ ва амалӣ барои таҳияи усулҳо ва шаклҳои дастгирии давлатии бахши кишоварзӣ тавассути истифодаи инструментҳои сиёсати неопротексионистӣ, ки ба таъмини суръати баланди рушд ва инкишофи соҳаҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд, иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия иҷрои вазифаҳои зерин ҳалли худро ёфтаанд:

- таҳқиқи назарияи институтсионалии сиёсати протексионистӣ ва таснифу тавсифи омилҳои таъсиррасон ба сиёсати протексионистии

давлат;

- омӯзиши механизмҳои муосири танзими давлатии воридоти маҳсулотҳои кишоварзӣ ба воситаи сиёсати протексионистӣ;

- таҳлил ва арзёбии ҳолати рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва тамоюлоти маҳсулотҳои воридотии кишоварзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- асосноккунии мукаммалгардонии таъминоти институсионалии сиёсати протексионизм дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ;

- коркарди консепсияи муосири сиёсати протексионистӣ дар вориди маҳсулотҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он то давраи то солҳои 2030.

Объекти таҳқиқот системаи дастгирии иқтисодӣ ва маъмурии давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ.

Мавзуи таҳқиқот муносибатҳои иқтисодие, ки бо ташкил ва истифодаи механизмҳои дастгирии давлатии субъектҳои кишоварзӣ тавассути истифодаи инструментҳои сиёсати неопротексионистӣ дар шароити татбиқи сиёсати воридотивазкунанда дар мамлакат алоқаманданд.

Фарзияи таҳқиқот диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар шароити рушди механизмҳои бозории фаъолияти соҳаҳои кишоварзӣ ва татбиқи сиёсатти воридтивазкунанда дар соҳаи аграрӣ татбиқи сиёсати илман асоснокёфтаи непротексионизми аграрӣ на танҳо ғанигардии бозори дохилии маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, балки рақобатпазирии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамин тариқ болоравии самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро мусоидат менамояд.

Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба муқаррароти асосии назарияи иқтисодии институтсионалӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти бунёдӣ ва амалие мебошанд, ки дар асарҳои бунёдии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба танзими муносибатҳои иқтисоди беруна дар иқтисодиёти аграрӣ, инчунин санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст. Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда дар асоси маълумотҳои ибтидоӣ, таҳлилӣ ва таркибӣ, ҳисоботҳо ва лоиҳаҳои корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин мушоҳидаҳои шахсии муаллиф коркард шудаанд.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои таҳлили системавию муқоисавии тамоюлҳо ва шаклҳои равандҳову фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, усулҳои абстраксияи илмӣ, моделсозии консептуалӣ, усулҳои таҳқиқоти сотсиологӣ истифода шудаанд. Истифодаи маҷмуи усулҳои мазкур эътимоднокии натиҷаҳои

омӯзишро таъмин мекунад.

Сарчашмаи таҳқиқот. Ҳангоми иҷрои рисолаи илмӣ маводҳои ҳисоботии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаҳои минтақавии он, ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрияҳои илмӣ аз рӯйи маводҳои конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалӣ, маълумотҳо аз интернет-сомонаҳои расмии мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, инчунин коркардҳо ва ҳисобҳои иҷрокардаи муаллиф ташкил намудааст.

Пойгоҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар назди шуъбаи омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2025 анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқотии диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявию амалӣ ва зарурати тақвияти механизмҳои дастгирии давлатии кишоварзӣ дар асоси истифодаи инструментҳои татбиқи сиёсати неопротексионизми аграрӣ дар шароити амалӣ намудани стратегияи воридотивазкунанда дар КАС иборат мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст омадааст, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд:

- муқарароти муаллифӣ доир ба асосҳои институтсионалии протексионизми кишоварзӣ, ҳамчун шакли соҳавии протексионизм, зерсистемаи танзими давлатии бахши кишоварзӣ, ки аз маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодии давлат, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзии миллӣ ва суръатгирии стратегияи воридотивазкунанда нигаронида шудаанд.

- механизмҳои муосири танзими давлатии воридоти маҳсулотҳои кишоварзӣ маҷмӯи меъёрҳои умумии эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунҳои мамлакат, ки барои таъмини амнияти озуқавории андешида мешавад: дар ҳолатҳое, ки бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва хӯрокворӣ метавонад тавассути истеҳсоли дохилӣ пур шавад ё воридот боиси бад шудани вазъи соҳаҳои он ва коҳиши фоиданокии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ гардад; чораҳои муҳофизатӣ дар шакли маҳдудиятҳои миқдорӣ ё ҷорӣ кардани боҷҳои гумрукӣ ба андоза ва барои мӯҳлате, ки барои бартараф кардани зарари назаррас ё пешгирии таҳдиди чунин зарар заруранд, андешида мешаванд ва ғ..

- дар асоси арзёбии тамоюлҳои кунунӣ дар воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва таҳлили динамикаи воридот, инчунин муайян кардани

омилҳое, ки ба ин тамоюлҳо таъсир мерасонанд муаяйн карда шуд, ки дар мамлакат коҳиши саҳми воридот дар фурӯши чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ мушоҳида мешавад;

- вобаста ба хусусияти асосии неопротексионизм, ки ҳадафи ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳифзи бозори маҳсулоти кишоварзӣ, ки сифати он аз ҷониби истеъмолкунандагон арзёбӣ мешавад, маҷмӯи зерини тадбирҳо ҷиҳати таъмини шароитҳое, ки мавқеи истеҳсолкунандагони кишоварзиро дар бозорҳои дохилӣ ва инчунин байналмилалӣ ҳифз мекунанд, пешниҳод карда шудааст: беҳтар кардани инфрасохтор, пешбурди таҳқиқоти кишоварзӣ ва суръат бахшидан ба рушди сармоягузорӣ ва инноватсия; таъсис ва пешбурди системаҳои омӯзишӣ барои кормандони кишоварзӣ; нигоҳ доштани таъминоти устувори маҳсулоти хӯрокворӣ; афзоиши содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамзамон таъминишавии пурраи бозори дохилӣ ва ғ.

- коркарди консепсияи муосири неопротексионизми кишоварзӣ (протексионизми нав), ки танзими ҳамаҷонибаи давлатии бахши кишоварзиро бо истифода аз чораҳои маҳдудкунандаи ғайритарифӣ пешбинӣ мекунад; дурнамои коҳиш додани ҳаҷми воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва роҳҳои ноилгардӣ ба он асоснок карда шудааст.

Нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшудаи таҳқиқот:

- исбот карда шуд, ки кишоварзӣ дар бозори озод нисбат ба дигар соҳаҳо бо як қатор сабабҳои объективӣ (шароити табиӣ, мавҷудияти хатарҳои доимӣ, шиддати баланди сармоя, номутавозинӣ ва номутаносибии пешниҳод ва талабот дар бозори озуқаворӣ, шиддатёбии маҳдуди захираҳои замин ва ғайра) сатҳи пасти рақобатпазирӣ дорад. Бинобар он механизмҳои нави аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва муассири дастгирии давлатии истеҳсолоти кишоварзиро тавссути татбиқи сиёсати неопротексионизми аграрӣ талаб мекунад;

- таҷрибаи татбиқи системаи чораҳои маъмурӣ ва иқтисодии дастгирии давлатии кишоварзӣ ва сиёсати неопротесионизми аграрӣ дар кишварҳои ИДМ ҷамъбаст карда шуда, зарурати татбиқи таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дар ин самт асоснок карда шуд;

- муаяйн карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи мавҷудаи дастгирии давлатии кишоварзӣ ҳадафҳои кунуниро пайгирӣ мекунад, аммо мушкилоти рушди стратегӣ ва татбиқи суръатноки сиёсати воридотивазкунандаро ҳал намекунад ва аз ин рӯ, аз нав самтгирӣ ба сӯи ҳавасмандгардонии инноватсияро талаб мекунад;

- тамоюлҳо ва сабабҳои тағйирот дар маблағгузории буҷетӣ, шаклҳои мустақим ва ғайримустақими дастгирии давлатии кишоварзӣ аз

ҳисоби маблағҳои ҷудошуда аз буҷетҳои ҳама сатҳҳо муайян карда шуданд; шаклҳои нави дастгирии давлатии кишоварзӣ, ки ба муносибатҳои бозорӣ мувофиқанд, тавсия дода шуданд, ки аз як тараф, истифодаи маблағҳои дастгирии давлатиро бо меъёрҳои қонунгузорӣ барои сатҳи даромади шаҳрвандон ва истеъмоли маводи ғизоӣ ва аз тарафи дигар, риояи манфиатҳои ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ таъмин мекунанд;

-асосноккунии консепсияи муосири неопротексионизми аграрӣ, ки ҳадафи ҳифзи истеҳсолкунандагони ватании маҳсулоти кишоварзиро дошта аз рақобати воридотӣ, афзоиши рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, таъмини рушди устувори деҳот ва ғайраҳоро мусоидат менамояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз маҷмӯи муқаррароти метологиву методие иборат аст, ки асосро барои мукаммалгардонии масаълаҳои дастгирии давлатии фаъолияти истеҳсолиау иқтисодии корхонаҳои комплекси агросаноатии бо мақсади расидан ба ҳадафҳои сиёсати воридотивазкунӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда ташкил медиҳанд. Инчунин, таҳияи равиши институтсионалии татбиқи сиёсати неопротексионизми аграрӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда мешавад, ки имкон медиҳад доираи васеи падидаҳо ва омилҳоеро, ки ба ин равандҳои таъсири назаррас доранд, муайян ва таҳлил карда шавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода ёфтааст аст, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳодоти дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ дар низоми идоракунии фаъолияти муносибатҳои иқтисодии беруна, ҷараёнҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти содиршаванда ва воридотивазкунанда зимни таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати рушди иқтисодиёти аграрӣ, тасҳеҳи сиёсату стратегияи рушди бахши содиротӣ метавонанд корбурд гарданд. Муносибатҳои илмии пешниҳодшуда ба такмили ташаккули босуръати татбиқи сиёсати вориддотивазкунанда ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам бевосита дар худи ташкилотҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти гузаронидани таҳқиқот, эътимоднокии маълумотҳо, миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои корҳо ва интишорот дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва

натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси: 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) тасдиқ гардидааст: 2. Назарияҳои рушди хоҷагии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. Таҳлил ва арзёбии консепсияҳои муосир. 3. Тақсимоти байналмилалии меҳнат ҳамчун неруи ҳаракатдиҳандаи инкишофи робитаҳои умумиҷаҳонии истеҳсолӣ, инвеститсионӣ, молиявию қарзӣ, илмию техникӣ, тиҷоратӣ ва ғайра. 5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рушдёбандаи ҷаҳон, қонуниятҳои инкишофи ин равандҳо, арзёбии дурнамои ҳамгироиҳои блокҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратиию иқтисодӣ. 7. Баҳамвобастагии байналмилалии иқтисодӣ. Таъмини инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ. Стратегияҳои миллии инкишофи иқтисодӣ.18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ. Ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ. Шакл ва усулҳои рақобат дар бахшҳои алоҳидаи бозори ҷаҳонӣ. 25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибгардонии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои миллии иқтисодӣ. Мухолифатҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва методҳои ҳалли онҳо. 26. Манфиатҳои иқтисодии хориҷии Тоҷикистон дар бозори ҷаҳонӣ ва дар муносибат бо кишварҳои алоҳида ва гурӯҳи кишварҳо. Проблемаҳои геоиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалиятҳои стратегии он ва дурнамои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мувофиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Дар тамоми марҳилаҳои иҷрои нақшаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла, интихоби мавзуъ, асосноккунии мубрамияти он, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳо, масъалагузорӣ ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи муаллиф анҷом дода шудааст.

Муаллиф дар коркарди пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии такмилдиҳии механизм ва роҳҳои паст намудани ҳаҷми воридоти маҳсулоти кишоварзӣ, роҳҳои дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ва воситаҳои пешниҳоди онҳоро мукаммал гардонида, натиҷаҳои таҳқиқро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст.

Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ. Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти амалии идораҳои давлатӣ марбут ба пешбурди сиёсати ягона дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон санад оид ба татбиқи натиҷаҳои илмию амалии диссертатсияаз 27.12.2025, №2/8-1289 ҳангоми таҳияи «Барномаи амнияти озуқвории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030», «Барномаи

рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи рақамикунонии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029», инчунин Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санад оид ба татбиқи натиҷаҳои илмию амалии диссертатсия аз 21.12.2025, №80-1ф/а (санадҳо ба хулоса замима карда мешаванд).

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 15 мақолаи илмии муаллиф дар ҳаҷми умумии 6,86 ҷ.ч. муаллифӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми 2,07 ҷ.ч. муаллифӣ, баён гардидаанд, ки ба пуррагӣ ба мазмуну муҳтавои диссертатсия мувофиқат меҳамоянд.

Интишорот довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:

а) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Зарипов Ф.А., Мустафои Ш. Вазъи сармояи мустақими хориҷӣ ва проблемаҳои ҷалби он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Зарипов, Мустафои Ш. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ). Душанбе – 2020, №5 С. 58-64. [0, 21ҷ.ч. муаллиф];

[2-М]. Зарипов Ф.А., Одинаев Б.Ҷ. Нақши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқавории кишвар [Матн] / Ф.А. Зарипов, Б.Ҷ. Одинаев // Идоракунии давлати (Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе -2023, №1 (60). С. 27-34. [0,25 ҷ.ч. муаллиф];

[3-М]. Зарипов Ф.А., Шокирова Ш.М. Сохтор ва хусусиятҳои комплекси сузишворӣ - энергетика (КСЭ) [Матн] / Ф.А. Зарипов, Ш.М. Шокирова // Идоракунии давлати (Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе – 2024, № 4-1(69). С. 153-160. [0,25 ҷ.ч. муаллиф];

[4-М]. Зарипов Ф.А., Одиназода Ш.Т. Нақши протексионизми аграрӣ дар шароити муосир [Матн] / Ф.А. Зарипов, Ш.Т. Одиназода // Идоракунии давлати (Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). Душанбе – 2024, №4/3 (71). С. 36-45. [0,31 ҷ.ч. муаллиф];

[5-М]. Зарипов Ф.А. Таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба татбиқи сиёсати воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун омили таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Матн] / Ф.А. Зарипов // Идоракунии давлати (Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Душанбе – 2025, №4/1 (75). С. 116-122. [0,43 ҷ.ч. муаллиф];

[6-М]. Зарипов Ф.А. Самтҳои такмили иқтидори воридот ва содироти маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ [Матн] / Ф.А. Зарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ), Душанбе - 2026/№6. С. 175-184. [0,62 ҷ.ч. муаллиф];

б) дар дигар нашрияҳо:

[7-М]. Зарипов Ф.А. Протексионизм ва рушди маҳсулоти кишоварзӣ [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Ташакул ва рушди кластерҳо дар соҳаи кишоварзӣ" (ш. Ваҳдат, соли 2020). С. 59-63 [0,31 ҷ.ч. муаллиф];

[8-М]. Зарипов Ф.А. Муҳимияти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи конфренсияи илмию амалии минтақавӣ "Тадбиқи равандҳои инноватсионӣ –асоси гузариш ба мамлакати саноати-аграрӣ" (ш. Душанбе, соли 2021) С. 147-158 [0,75 ҷ.ч. муаллиф];

[9-М]. Зарипов Ф.А. Тамоюли рушди маҳсулоти кишоварзии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон(дар мисоли нахи пахта ва меваю сабзавот) [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи семинари илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Методология ва методикаи таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ" (ш. Бохтар соли 2021). С. 116-124. [0,56 ҷ.ч. муаллиф];

[10-М]. Зарипов Ф.А. Зарубежный опыт организации и развития предпринимательства и возможность его применения в Таджикистане [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи семинари илмию амалии минтақавӣ "Рушди инфрасохтори деҳот-омили муҳими шуғли босамар" (ш. Душанбе, соли 2023). С. 177-184. [0,5 ҷ.ч. муаллиф];

[11-М]. Зарипов Ф.А. The economic factors of attracting and operating foreign investmen [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Амалисозии равандҳои инноватсионӣ дар бахши сабзаводкории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷкистон" (ш. Душанбе, соли 2023) С. 205-219 [0,93 ҷ.ч. муаллиф];

[12-М]. Зарипов Ф.А. Международный опыт организатции и развития предпринимательства и возможность его применения в Таджикистане [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи семинари илмию амалии минтақавӣ "Равандҳои инноватсионӣ дар бахши парандапарварии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (ш. Душанбе, соли 2024) С. 68-74

[0,43 ҷ.ч. муаллиф];

[13-М]. Зарипов Ф.А. Самтҳои такмили потенсиали содиротӣ дар низоми иқтидори иқтисодии давлат [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва инчунин бахшида ба ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон оид ба «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардан имконоти нав барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» С. 358-366 [0,56 ҷ.ч. муаллиф];

[14-М]. Зарипов Ф.А. The national forms and conditions for functioning of foreign investmen [Матн] / Ф.А. Зарипов // Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд (маводи конфренсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-назариявӣ) (ш. Душанбе, соли 2024) С. 341-348 [0,5 ҷ.ч. муаллиф];

[15-М]. Зарипов Ф.А. Местные финансы и эфективность бюджета в органах самоуправления поселков и сельских общин [Матн] / Ф.А. Зарипов // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии Ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Асоҳои иқтисодию молиявиии фаъолияти мақомоти худидоракунии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо” (ш. Душанбе соли 2025). С. 155-158. [0,25 ҷ.ч. муаллиф];

Пас аз баромади Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридот намудани маҳсулоти кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», муқарризони холис Мирсаидов А.Б. доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Амиров Н.И. номзади илмҳои иқтисодӣ, Шарипов С.Б. доктор (PhD), дотсент, хулосаи роҳбари илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ Одиназода Ш.Т., баромадкунандагон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ахмедов Д.Ҳ. ва номзади илмҳои иқтисодӣ Файзуллоева К.Н. ҷаласаи васеъи шуъбаҳо,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи докторанти Институт Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридот намудани маҳсулоти кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисос ҷавобгӯ буда, теъдод ва интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои

диссертатсия мутобиқат менамояд.

2. Диссертатсияи докторанти Институт Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар воридот намудани маҳсулоти кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) бо дарназардошти бартараф намудани баъзе камбудиҳои ошкоргардида ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеъи шуъбаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз «03» сентябри соли 2026, № 7/2 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 28 нафар. Бе ҳуқуқи овоздиҳӣ - 5 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор 23 - нафар, Зид - нест, Бетараф - нест. Якдилона қабул гардид.

Раисикунанда, д.и.и., профессор,
академики АИКТ директори Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ Пиризода Ҷ.С

Котиби ҷаласа, котиби илмии
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи
системавии рушди кишоварзии АИКТ Файзов Н.Б.

Имзоҳои Пиризода Ҷ.С. ва Файзов Н.Б.-ро тасдиқ мекунам: Сармутахассис доир ба кадрҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Баротова Ш.У.